# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Сафаров Ҷовидон Азизмадович дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06- Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06 -Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст.**

Сафаров Ҷовидон Азизмадович соли 2008 ба Донишгоҳи давлати тиҷорати Тоҷикистон дар шуъбаи рӯзонаи ихтисоси молшиносӣ ва экспертизаи молҳо дохил шудааст. Донишгоҳи номбурдаро аз рӯи ихтисоси мазкур соли 2012-ум бомуваффақият хатм намуда, соҳиби тахассуси молшинос гардидааст.

Сафаров Ҷовидон Азизмадович аз соли 2012 то инҷониб ба ҳайси ассистент ва муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон кор мекунад.

Солҳои 2014-2015 магирстратураи Донишгоҳи иқтисод ва савдои шаҳри Гомели Ҷумҳурии Белоруссияро бо ихтисоси иқтисоди ҷаҳон хатм намудааст.

Сафаров Ҷовидон Азизмадович аз моҳи октябри соли 2017 ҳамчун унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон буда, мавзӯи “Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” –ро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ин дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Мусаллам аст, ки самаранокии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, яке аз омилҳое мебошад, ки барои ташаккули ҳақиқии иқтисоди муосир заминаи асосӣ мегузорад.

Ҳолат ва вазъи муосири соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моро вазифадор менамояд, ки барои ба таври ҷиддӣ омӯхтани масъалаҳои назариявӣ, гузаронидани таҳлилҳои амиқи ин фаъолият, баҳогузории ҳолати рушд ёфтани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки дар асоси истифодаи таҳқиқоти намояндагони мактабҳои илмии ватанию хориҷӣ

сарчашмаҳои муътамаду эътирофгардида, асоснокунӣ ва коркарди самтҳои асосии такмилдиҳии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ба миён меояд, диққати махсус зоҳир намоем. Аз ҳамин лиҳоз, мавзӯи мазкур муҳим ва мубрам аст.

Кори диссертатсионӣ аз муќаддима, се боби матни асосӣ, хулоса, рӯихати адабиёт ва замимањо иборат аст. Мўњтавои асосии тањќиќ дар 174 сањифа, аз он ҷумла 18 расм, 19 ҷадвал ва 12 диаграммаро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 199 номгӯй иборат аст.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ Сафаров Ҷ.А. бо истифода аз методҳои илмӣ дар самти тавсеаи донишҳо доир ба ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва навоварии илмӣ.

1. Асосҳои назариявӣ ва методии ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар асоси нуқтаи назари мухталифи муаллифони ватанию хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, моҳияти соҳибкории инфиродӣ бо назардошти талаботи шароити муосир муайян карда шуда, таърифи муаллиф доир ба "соҳибкории инфиродӣ" пешниҳод гардида, гурӯҳбандии чунин фаъолият пешниҳод карда шудааст;

2. Хусусиятҳо ва асосҳои институтсионалии рушди соҳибкории инфиродӣ бо назардошти афзалиятҳои сиёсати давлатӣ ва доштани аҳамияти иҷтимоию иқтисодии чунин фаъолият мавриди омӯзиш қарор дода шудааст ва ҳамзамон қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти соҳибкории инфиродӣ" –ро зарур арзёбӣ менамоем, ки он метавонад муносибатҳои ҳуқуқиро дар ин самт танзим намояд;

3. Тамоюли рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир аз рӯйи нишондиҳандаҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ ва шаклҳои фаъолият таҳлил карда шуда, модели баҳои самаранокии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ ва пешниҳод карда шудааст, ки он афзоиши теъдоди соҳибкорони инфиродӣ, зиёд гаштани саҳми соҳибкорони инфиродӣ дар ММД ва даромади буҷети давлатиро пешбинӣ менамояд;

4. Таҷрибаи мамлакатҳои пешрафтаи дунё дар самти фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки дар истифодаи шаклҳои инноватсионӣ асос ёфта, муносибатҳои бақайдгирӣ, андозсупорӣ ва назорати он, гирифтани иҷозатномаҳо ба тариқи содашуда ва электронӣ ба роҳ монда шудаанд, мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шуда, барои истифодаи он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои муфид пешниҳод карда шудаанд;

5.Самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст: ташкили муҳити солими иқтисодӣ барои соҳибкорони инфиродӣ ва тақвият додани соҳибкории истеҳсолӣ, муаммалгардонии заминаи меъёрию ҳуқуқии соҳибкории инфиродӣ; тақвияти дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ; ташкили фаъолияти дурусти маркетингӣ; дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок; такмили низоми андозбандии соҳибкорони инфиродӣ; баланд бардоштани дараҷаи тахассусии соҳибкорони инфиродӣ; рушди соҳибкорони инфиродӣ аз рӯйи ҷойгиршавии минтақавӣ; ворид намудани инноватсия дар фаъолият ва истифода аз навигониҳои ҷаҳони муосир дар самти ба роҳ мондани шаклҳои инноватсионии фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ.

6. Ҷараёни рақамикунонии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки имрӯз яке аз масъалаҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии мамлакат маҳсуб меёбад, мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шуда, муайян карда шуд, ки гузариш ба муносибатҳои мазкур манфиатҳои зиёдро дорост: аз ҷумла: ҷараёни бақайдгирии соҳибкорон ва супоридани ҳисоботи андозӣ ба тариқи электронӣ амалӣ карда шуда, монеаҳои бюрократӣ аз байн меравbooанд; пешниҳоди мол, кор ва хизматрасонӣ ба тариқи электронӣ ба роҳ монда шуда, арзиши аслӣ кам гашта, амалиёт осон мегардад. Инчунин, муайян карда шудааст, ки автоматикунонии фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ ва пурра гузаштан ба шаклҳои электронии фаъолияти мазкур, хавфҳои руйпӯш намудани даромадҳо ва кам супоридани андозҳоро коҳиш медиҳад.

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи рӯйхати

ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (08.00.06.06 – Иқтисоди соҳибкорӣ):1. Инкишофи назария ва методологияи соҳибкорӣ; 6. Ташаккул ва инкишофи шаклҳои гуногун соҳибкорӣ: ташкилию ҳуқуқӣ; аз рӯи миқёс фаъолияти соҳибкорӣ; 8. Танзими давлатӣ ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ; 15.Ташаккул ва рушди муҳити мусоиди соҳибкорӣ; 16.Ҳавасмандгардонии намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ; 24. Соҳибкории инфиродӣ ва таъмини рушди он мутобиқ мебошад.

Заминаҳои назариявию методии таҳқиқоти диссертатсиониро корҳои таҳқиқотии мукаммал ва бунёдӣ вобаста ба илми назарияи иқтисодии ба назарияи муосири рушди соҳибкорӣ вобастабуда, таҳқиқотҳои монографию диссертатсионӣ, нашри илмии олимони дохилию хориҷии ба таҳқиқи масъалаҳои соҳибкории инфиродӣ машғулбуда, таъминоти сармоягузории соҳа ва ташкилу такмили инфрасохтори он ташкил намуда, инчунин маводҳо ва тавсияҳо дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ, барнома ва стратегияҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда, қарорҳои Маҷлиси Олӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи рушди соҳибкории инфиродӣ ва дар маҷмӯъ, таъмини рушди иқтисодии мамлакат, ташкил медиҳанд.

Дар тадқиқот аз вобастагӣ ба масъалаҳои ҳалталаби дар пешгузошташуда чунин усулҳои тадқиқот истифода бурда шуданд: услубҳои таҳаввулотӣ-таърихӣ, институтсионалӣ, усулҳои умумиилмии диаллективӣ-мантиқии таҳлил ва синтез, муқоисанамоӣ, таҳлили коррелятсионӣ, амсилабандии иқтисодӣ-математикӣ, қаторҳои динамикӣ, баҳодиҳии муқоисавӣ, инчунин усулҳои гузаронидани пурсишномаҳо, анкетакунонӣ, гузаронидани таҳлил ва гурӯҳбандии натиҷаҳои он ва ғайра.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он як қатор хулосаҳо ва як қатор тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии ташкил ва фаъолияти соҳибкории инфиродӣ пешниҳод гаштаанд. Татбиқ ва тасдиқи ҷанбаҳои методӣ ва тавсияҳои коркардшуда имконият медиҳанд, ки маҷмуи чорабиниҳои самаранок вобаста ба дастгирии давлатии соҳибкории

инфиродӣ дар сатҳҳои гуногуни минтақавӣ аз рӯйи самтҳои иқтисодӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ корбаст шаванд.

Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми такмилдиҳии қонунгузорӣ дар самти рушди соҳибкории инфиродӣ, ташкили инфрасохтори ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкории инфиродӣ бо тақвияти маблағгузорӣ ва молиякунонии чунин фаъолият, ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишии сайёр баҳри такмили малакаи соҳибкорони инфиродӣ, коркарди стратегияи рушди устувори соҳибкории инфиродӣ дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ метавонанд истифода шаванд.

Хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои соҳавии иқтисодӣ – «Асосҳои соҳибкорӣ», «Иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории хурд», «Иқтисодиёти корхона», «Соҳибкории инноватсионӣ»ва ғайра татбиқ шудаанд.

Сафаров Ҷ.А. муаллифи беш аз 12 мақола, аз ҷумла 4 мақолаи тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ки доир ба сатҳи баланди илмӣ ва мустақилияти он шаҳодат медиҳад.

Сафаров Ҷ.А. дар ҷараёни фаъолияти бирёрсолаи илмию омӯзгориаш, худро ҳамчун корманди соҳибтахассус нишон идода дар ҳамбастагӣ корҳои таълимӣ, таълимию методӣ ва таҳқиқотию илммиро муваффақона ба сомон расонидааст.

Сафаров Ҷ.А. ҳамчун корманди соҳаи илм дорои хислатҳои ҷустуҷуву омӯзиши пайваста, эҷодкориву ҳадафмандӣ, қобилияти баланди меҳнатӣ ва масъулиятшиносӣ, маҳорати дар сатҳи баланд роҳандозӣ намудани корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳлил ва қабули қарорҳои мустақил ва муайянсозии роҳҳои ноилшавӣ ба ҳадафу вазифаҳои гузошташуда мебошад.

Кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон » анҷомёфта буда, аз рӯи

натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯй ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ мебошад.

Сафаров Ҷовидон Азизмадович бомувафақият аз ухдаи мақсаду вазифаҳои таҳқиқотии гузошташуда баромад ва барои мушарафгардонӣ ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06- Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06 -Иқтисодиёти соҳибкорӣ), КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовор мебошад.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти диссертатсионӣ мантиқан кори мустақили илмию таҳқиқотии дорои муҳимияти муҳими иҷтимоию иқтисодии ҳалли масъалаҳои илми ҳисобида шуда, барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**

**н.и.и., дотсент, муовини аввал,**
**муовини ректор оид ба таълим,** **Қурбонов А.Р.**

Имзои н.и.и. дотсент, муовини аввал,
муовини ректор оид ба таълим А.Р. Қурбоновро тасдиқ менамоям:

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии**
**тиҷорати Тоҷикистон** **Пирзода С.С.**